**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)**

Рӯ овардан ба нақду баррасии фаъолияти эҷодии намояндагони доираҳои гуногуни адабӣ, ки дур аз маркази ҷумҳурӣ зиндагиву эҷод кардаанд ва бар асари ин дурӣ то андозае ношинохта боқӣ мондаанд, аз иқдомоти шоистаи илми адабиётшиносии даврони Истиқлол аст. Аз ҳамин нигоҳ агар ба диссертатсияи Лайламои Худойназар баҳо диҳем, гуфтан мумкин аст, ки кори анҷомдодаи ӯ, ки ба таҳқиқу баррасии рӯзгор ва осори яке аз намояндагони дар доираи адабии Вахшонзамин соҳибном, вале аз назари нақди адабӣ дурмонда – Ғаффоралӣ Сафар бахшида шудааст, дар илми адабиётшиносии тоҷик нав, бесобиқа ва мубраму зарурист. ғӣқӯҳҷ

Тавре аз автореферат бармеояд, диссертатсияи Лайламои Худойназар дар баробари муқаддимаву хулоса ва номгӯйи адабиёти истифодашудаву таълифкарда аз се боб иборат аст, ки ҳар яке аз ин бобҳо ба як паҳлуи алоҳидаи фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар бахшида шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки **«Ҳаёт ва эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар»** унвон дорад, диссертант дар чор фасл масъалаҳоеро, амсоли шарҳи ҳол ва мероси адабии шоир, хусусиятҳои жанрию мавзуӣ, мазмуну мундариҷа ва сохтори ҳунарии ашъори ғиноии Ғаффоралӣ Сафар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Зикр гардидааст, ки фаъолияти эҷодии адиби мазкурро метавон ба се гурӯҳ ҷудо намуд: ашъори гуногунжанре, ки барои калонсолон эҷод гардидаанд, шеърҳои бачагона ва осори манзуму мансури ҳаҷвӣ. Диссертант бо овардани мисолҳо ва арзишдоварии онҳо собит менамояд, ки Ғаффоралӣ Сафар дар эҷоди ҳар яке аз ин анвои адабӣ комёбу муваффақ аст.

Боби дуюми диссертатсия бо унвони **«Назми бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар»** аз се фасл таркиб ёфта, дар ин фаслҳо мутаносибан вижагиҳои сабкӣ ва услубии ашъори бачагонаи шоир, ҷанбаи тарбиявию маърифатбахшии ин ашъор ва вижагиҳои шакливу мазмунии чистону тезгӯякҳои Ғаффоралӣ Сафар мавриди таҳқиқу баррасӣ ва арзишдоварии илмӣ қарор гирифтаанд. Аз таҳқиқи ин масоил диссертант ба натиҷае мерасад, ки ашъори бачагона аз қисматҳои асосӣ, арзишманд ва ба таҳқиқ ниёзманди осори манзуми Ғаффоралӣ Сафар буда, ӯ дар навиштани ин навъи шеър маҳорати хосса

дорад. Шеърҳои бачагонаи шоир муассиру дилнишин ва содаву равон буда, ба табъу завқи кӯдакони синну соли гуногун мувофиқ эҷод гардидаанд. Таъкид гардидааст, ки мақсади асосии адиб завқ бахшидан ба кӯдакон нест, балки мақсад ва ҳадафи асосии адиб ба василаи осори дилписанду завқовар дар руҳияи ахлоқи неки инсонӣ тарбия намудани хурдсолон аст.

**«Мавқеи ҳаҷву мутоиба дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар»** унвони боби сеюми диссертатсияи Лайламои Худойназар буда, ӯ дар ду фасли ин боб натиҷаи таҳқиқи худро оид ба осори мансуру манзуми ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар баён кардааст. Аз таҳқиқи муаллифи диссертатсия маълум мегардад, ки осори ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар аз жанрҳои гуногуни манзуму мансур, амсоли латифа, масал, дар омади гап..., шеърҳои ҳаҷвӣ, эпиграммаҳо таркиб ёфта, осори дар ҳар яке аз ин жанрҳо таълифнамудаи адиб маҳорати ҳаҷвнигории ӯро ойинадорӣ мекунанд. Диссертант дуруст дарёфтааст, ки «мақсади асосии нависанда аз гуфтани латифа хушҳол намудани хонандаи худ нест, балки ӯ дар либоси ҳаҷву мутоиба камбуду норасоиҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро ошкор менамояд ва хостгори он аст, ки одамон барои ислоҳу бартараф намудани ин навоқис кӯшиш намоянд» (автореферат, с. 30).

Ба ҳамин тартиб, автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои кори анҷомдодаи муаллифро ба пуррагӣ дар бар гирифта, тарзи нигориши он аз мустақилияти фикрӣ, ҷустуҷӯйҳои илмӣ ва кӯшиши навгӯйии муаллиф дарак медиҳад. Ҷанбаҳои илмӣ, методологӣ, мантиқӣ ва имлоию услубии автореферат бақувват буда, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Мавзуъ дар доираи таҳқиқи рисолаи илмӣ ҳалли худро ёфта, муаллиф тавонистааст аз уҳдаи ҳалли мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштааш ба хубӣ барояд.

Дар баробари комёбиву муваффақиятҳои хуби илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ мавҷуданд, ки зикри онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Баъзе аз нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда муфассалтар зикр гардидаанд. Хубтар мебуд, дар баёни ин нуктаҳо мушаххасбаёнӣ риоя мегардид.

2. Диссертант зимни муаррифии фаслу бобҳои диссертатсия дар автореферат тавозунро то андозае риоя накардааст. Яъне, агарчи қисматҳои бобҳои якуму савум ба таври муфассалу мудаллал баррасӣ гардидаанд, фаслҳои боби дуюм, ки дарбаргири вижагиҳои назми бачагонаи шоиранд, хеле мухтасар муаррифӣ шудаанд.

3. Бо он ки автореферат бо риояи қавоиди забонӣ иншо гардидааст, дар саҳифаҳои гуногуни он (с. 4, 9, 14, 22, 31...) ба миқдори кам ҳам бошад,

ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва риоя нагардидани аломатҳои китобат ба чашм мерасанд.

Навоқисе, ки зикр гардид қаму назарногир ваислоҳпазир буда, моҳият ва арзиши илмии авторефератро кам карда наметавонанд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлили автореферат маълум мешавад, ки диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва адабиёти навини
форсии тоҷикии факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бобомаллаев И.Ҷ.
«14» январи соли 2026.

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Маяковский бинои 85/2, ҳуҷраи 10
Тел.: (+992) 555-05-15-50
E-mail: ilhom-b.89@mail.ru

Имзои Бобомаллаев Илҳомҷон
Ҷонобовичро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«14» январи соли 2026.